**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-079-и назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 33)**

## ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Хоҷаев Ҳикматулло Ҳимматович дар мавзуи «Тундгароии динӣ ва паҳншавии он дар шароити тағйирпазирии ҷомеа (таҷрибаи Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ пешниҳод шудааст. (Душанбе 2024. – 28 саҳ.)

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Хоҷаев Ҳикматулло Ҳимматович дар замони рушди босуръати технологияҳои муосири иттилоотӣ, рӯз аз рӯз хатарзо гардидани идеология ва амалҳои гуруҳҳои тундрави динӣ, мураккаб гардидани вазъи ҳарбӣ-сиёсии ҷаҳон ва вусъат ёфтани бархӯрди манфиатҳои геосиёсии абарқудратҳои ҷаҳонӣ дар минтақа беш аз ҳарвақта пажуҳиши илмиро тақозо менамояд. Новобаста аз он, ки дар даҳсолаи охир мавзуи мазкур мавриди таҳқиқоти соҳаҳои гуногуни илмҳои сиёсиву гуманитарӣ қарор гирифтааст, ҳамоно масоили марбут ба заминаҳои идеологӣ, психологӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии тундгароии динӣ, мутаносибан роҳу усулҳои муосири вокуниши муназзаму манфиатпазир дар ин самт мубрам ва ҳалталаб боқӣ мемонанд. Зеро тундгароии динӣ дар шаклу симои нав зуҳур карда, тафаккур ва амалҳои нопоки ҳазорҳо ҷавонони ноогоҳро ба муқобили фарҳангу суннатҳои миллӣ, суботи сиёсии кишвар ва арзишҳои умумибашарӣ равона сохта истодааст.

Аз мазмуни автореферат бармеяд, ки муҳаққиқи ҷавон дар боби аввали рисола диққати худро ба омӯзиши назарияҳои сиёсӣ, мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои тундгароии динӣ, инчунин сабабу омилҳои

пайдоиш ва ташаккулёбии ин падидаи номатлуб матраҳ сохтааст. Мавқеи муаллиф вобаста ба ҷанбаҳои таърихии пайдоиши мафҳуми «тундгароӣ» дар ростои мафҳуми «радикализм» ба консепсияҳои муосири илмӣ созгор буда, аз дарки амиқи масъала шаҳодат медиҳад. Ба тундгароии иҷтимоӣ ва сиёсӣ ҷудо намудани шаклҳои он низ барои тафриқакунонии хавфу хатарҳои ин падидаи номатлуб мусоидат менамояд. Муҳаққиқ комилан дуруст дарҷ менамояд, ки майдони муборизоти тунгароии сиёсӣ васеътар буда, ҳадафи асосии таҳмилкунандагони он бо роҳи зӯроварӣ ғасб намудани ҳокимияти давлатӣ мебошад (саҳ.14).

Чунин шеваи зӯровариро хоси тундгароёни динӣ низ эътироф намуда, бо пайдарҳамии хосса андеша ва амалҳои ташкилоти экстремистӣ-террористиро, ки аз қарни XVIII то инҷониб дар шаклҳои гуногун зуҳур ёфта, асосгузоронашон асосан панарабистҳо мебошанд, хеле собитқадамона ошкор сохтааст. Аз ҷумла, андешаҳои радикалӣ ва амалҳои номатлуби ташкилоти экстремистӣ-террористии «Ҳаракати исломии Ӯзбекситон», «Ҳизби наҳзати исломӣ», «Давлати исломӣ» ва ғайраро, ки фаъолияташон дар қаламрави кишвар манъ карда шудааст, ҳамчун таҳдидҳои воқеӣ ба муқобили ҳокимияти давлатӣ ва суботи сиёсӣ ба қалам додааст. Муҳаққиқ буҳрони сиёсӣ-иҷтимоии солҳои ҷанги шаҳрвандӣ, таълимоти ғайриқонунии диниро дар дохил ва хориҷи кишвар, инчунин ба ҳам бархурдани манфиатҳои абарқудратҳоро дар минтақа ҳамчун сабабҳои бунёдии рушди тундгароии динӣ арзёбӣ менамояд. Мавқеи муаллиф вобаста ба он, ки айни замон дар муҳити динии кишвар андешаҳои фитнаангези тундгароёни динӣ таъсиргузоранд, аз талаботи ҳуҷҷатҳои хусусияти консептуалидошта маншаъ мегирад.

Хоҷаев Ҳикматулло Ҳимматович дар боби дуюми рисолааш масоили мубрами ҷомеаи муосирро вобаста ба вусъат ёфтани паҳншавии ғояҳои тундгароӣ дар байни ҷавонон тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва

роҳу воситаҳои иттилоотиву ҳуқуқии муқовимат ба ин раванд мавриди баррасӣ қарор додааст.

Дар асоси андешаҳои муқтадири олимони варзида, ҳуҷҷатҳои расмии хусусияти консептуалидошта, қонунгузории зиддиэкстремистӣ, омори расмӣ вобаста ба ҳуқуқвайронкуниҳои дорои хусусияти экстремистӣ, муаллиф ба хулоса меояд, ки новобаста ба таҷрибаи беназири Тоҷикистон дар самти муқовимат ба тундгароии динӣ ва дар сатҳи байналмилалӣ ҳамчун яке аз давлатҳои амнтарини дунё эътироф гардидани он, шеваи вокуниш ба ин раванди номатлуб дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва воситаҳои ахбори умум дар дохил ва хориҷи кишвар диди нав ва муқовимати муташаккилонаву манфиатпазиртари тамоми ниҳодҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро дар сатҳи баландтар тақозо менамояд.

Хулосабандиҳои муаллиф вобаста ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва сиёсии қишрҳои гуногуни ҷомеа, тақвият бахшидани рукнҳои «андешаи миллӣ» дар партави сиёсати сулҳпарваронаи роҳбарияти олии кишвар, эҳтиром гузоштан ба суннату арзишҳои миллӣ, гиромӣ доштани муқаддасоти миллӣ, ҳифз намудани сулҳу ваҳдати миллӣ ва таъмини амнияти ҷомеа ва давлат, ки дар шакли фарроҳтар дар нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодгардида таҷассум ёфтаанд, дорои аҳамияти назаррас илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Бояд зикр кард, ки дар баробари ҷанбаҳои мусбии рисолаи диссертатсионӣ бархе аз камбудиҳои ҷузъӣ низ ба назар мерасанд. Масалан, тавре аз мазмуни автореферат бармеояд, дар зербоби сеюми боби дуюми рисолаи илмӣ ҳамкории Тоҷикистон дар доираи Созмони ҳамкориҳои Шанхай, Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, Иттиҳоди давлатҳои мустақил мавриди баррасӣ қарор дода шудааст (саҳ 24), аммо вобаста ба тақвият бахшидани механизми чунин ҳамкорӣ дар нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодгардида, муқарраротӣ зарурӣ манзур нагардидаанд.

Албатта, эроди иброзгардида хусусияти тавсиявӣ дошта, мазмуну моҳияти рисоларо коста намегардонад ва барои шунидани мавқеи муаллиф дар ҳимояи ошкорои рисолаи диссертасионӣ мусоидат менамояд.

Мазмуну мундариҷаи автореферат собит месозад, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ дорои низоми мукаммали дохилӣ ва усулҳои асосноки илмӣ буда, ба талаботи муқарраркардаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 - юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Мустақилияти эҷодии муаллиф хуб эҳсос гардида, пешниҳод ва хулосаҳои он дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Автореферати диссертатсияи Хоҷаев Ҳикматулло Ҳимматович ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

И.в. профессори кафедраи пешгирии
ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини
бехатарии ҷамъиятии факултети №6
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Сафарзода Ҳ.С.

Суроға: 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулов 3
Тел.: (+992) 93 113 85 23

Имзои Сафарзода Ҳ.С.-ро тасдиқ мекунам:
муовини сардори шуъбаи кадрҳои
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
полковники милитсия Камолӣ З.Б.
«06» 03 соли 2025